# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод гардидааст.**

Афтореферати диссертатсияи мазкур ба баррасии мавзӯи муҳим ва рӯзмарра бахшида шуда, масъалаҳои муайян намудани хусусиятҳои омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии минтақаи ҳавзавии Зарафшон, дақиқсозӣ ва арзёбии ҳолати муосири захираҳои обии сатҳии ҳавза, инчунин пешгӯии тағйироти онҳоро таҳти таъсири омилҳои антропогенӣ ва иқлимӣ фаро мегирад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Гармшавии глобалӣ ва афзоиши сарбории техногенӣ ба захираҳои обии ҳавзаи дарёи Зарафшон таҳлили ҳамаҷониба ва дақиқи ҳолати кунунӣ ва тағйирёбии онҳоро тақозо менамояд. Яке аз мушкилоти муҳими ин самт барқарорсозии қаторҳои дарозмуддати маълумотӣ бо мақсади арзёбӣ ва пешгӯии ҷараёни об ва тавозуни он мебошад. Ин масъала бо дарназардошти хусусияти фаромарзии дарёи Зарафшон аҳамияти махсус касб менамояд.

Дар зерҳавзаҳои Киштӯд ва Моғиён, ки яке аз манбаъҳои асосии таъминоти оби соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерав족, дар давраи вегетатсия норасоии об мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи чорабиниҳои илман асоснок оид ба мутобиқсозии реҷаи обгирӣ ба низоми гидрологӣ, бо дарназардошти таъсири тағйирёбии иқлим ва пешбинии он то соли 2050, зарурати муҳимми илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назариявӣ.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар муайян намудани тамоюлҳои тағйирёбии ҷараёни оби шохобҳои дарёи Зарафшон ва таҳияи моделҳои рақамии ҳисобкунии нишондиҳандаҳои гидрологӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот заминаи илмӣ ва методологиро барои автоматикунонии равандҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои гидрологӣ фароҳам меоранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои пешгӯии ҷараёни оби шохобҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон барои солҳои гуногун метавонанд дар лоиҳакашӣ ва сохтмони иншооти гидротехникӣ, таҳияи нақшаҳои истифодаи маҷмӯии захираҳои обӣ ва банақшагирии чорабиниҳои хоҷагии об истифода шаванд. Ҳамчунин, маълумоти гидрологии

бадастомада метавонад ҳамчун нишондиҳандаи аналогӣ барои барқарор ва пурра намудани қаторҳои маълумотии гидрологии дигар дарёҳо истифода гардад.

Қонуниятҳои тағйирёбии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он, арзёбии ҳолати муосир ва пешгӯишавандаи захираҳои об таҳти таъсири омилҳои иқлимӣ, инчунин муайян намудани роҳҳои таъмини истифодаи оқилона ва нигоҳдории тавозуни гидроэкологии онҳо самтҳои асосии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Арзёбии захираҳои обии қисми тоҷикистонии ҳавза бо истифода аз усулҳои умумӣ ва муосири гидрологӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлилӣ, ҳисобӣ, эҳтимолӣ, аналогияи ҷуғрофӣ ва таҳлили низомӣ (системӣ) анҷом дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот маводи оморӣ, мушоҳидаҳои саҳрой ва натиҷаҳои таҳқиқоти экспедитсионӣ истифода гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нуқтаҳои зерини шиносномаи ихтисоси – 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои об, гидрохимия).мутобиқат мекунад:

Бо дарназардошти таҳлили мазмун ва самтҳои асосии таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия пурра ба бандҳои 3-11 шиносномаи ихтисоси 2.1.37 мувофиқ буда, ба доираи масъалаҳои илмии ин ихтисос ҷавобгӯ мебошад ва аз нигоҳи ихтисосӣ дуруст интихоб гардидааст.

**Баррасии норасоиҳои мавҷуда**

1. Дар қисми охирини сатрҳои уфуқии ҷадвали 1-и автореферат баъзе калимаҳо ё ҷумлаҳо пурра ҷойгир нашуда, қисми охири онҳо аз чаҳорчӯбаи сатр берун мондааст ё ноаён (пинҳон) гардидааст.
2. Дар номгузории расмҳои 4 ва 5 дар қисми тоҷикии автореферат дар охири номҳо нодуруст нуқта гузошта шудааст. Зарур аст, ки ин нуқтаҳо ҳатман ҳазф ва ислоҳ карда шаванд.
3. Дар ҷадвали 5-и қисми тоҷикии автореферат хатои чопӣ ва имлоӣ ҷой дорад. Аз ҷумла, дар ҷумлаи марбут ба дастгоҳи обёрикунанда ба ҷойи калимаи дурусти «обёрӣ» калимаи «обёрнӣ» нодуруст навишта шудааст. Ин хатои имлоӣ бояд ислоҳ карда шавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба муҳтавои он таъсири манфӣ намерасонанд. Автореферат тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шуда, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Хулоса, кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 2.1.37. «Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ сазовор буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои техникӣ, мудири
кафедраи фанҳои табиӣ-илмии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Ҳоҷизода С.Қ.

Имзои Ҳоҷизода С.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ-и Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.

«5» сентябри 2026 с.